***ТДУ 82***
***ТКБ 83.3 (0)9***

# ***ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ ҶАМЪИЯТӢ ВА СИЁСИИ ЗАНОН ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШӮРАВӢ (солҳои 1918-1991)***

***Негматуллоева Маҳинахон Ҳабибовна,*** *докторанти (Phd) кафедраи таърихи Ватан ва археологияи МДТ «ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ***ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ СОЦИАЛЬНОЙ И ПОЛИТИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ЖЕНЩИН В СОВЕТСКОМ ТАДЖИКИСТАНЕ (1918-1991г.)***

***Негматуллоева Махинахон Хабибовна,*** *докторант (Phd) кафедры отечественной истории и археологии ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# ***LEGAL BASIS OF SOCIAL AND POLITICAL ACTIVITY OF WOMEN IN SOVIET TAJIKISTAN (1918-1991 years)***

***Negmatulloeva Mahinakhon Habibovna,*** *doctoral student Phd) of the department of home history and archeology under the SEI «KhHU named after acad.B.Gafurov», **E-mail:** mahina-2022@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ****: ҳуқуқи занон, ҳуқуқи баробарии сиёсӣ, фаъолияти ҷамъиятӣ, индустриякунонии кишвар, коллективонидани хоҷагии қишлоқ*

*Дар мақола доир ба масъалаи заминаи ҳуқуқии фаъолияти занон дар Тоҷикистони шӯравӣ сухан рафта, муаллиф дар асоси маводи матбуоти солҳои шӯравӣ ин масъаларо мавриди баррасӣ қарор додааст. Тазаккур меравад, ки гарчанде дар конститутсияи аввалини шӯравӣ ҳуқуқи занҳо бо мардон баробар муқаррар гардида бошад ҳам, анъанаҳои хонаводагӣ ва баъзе урфу одатҳои кӯҳнапарастӣ барои фаъолияти пурсамари занони тоҷик дар ҷодаҳои мухталифи хоҷагии халқ монеа эҷод мекард. Дар ин радиф фаъолияти тарғиботии як қатор занони тоҷик дар ҳалли муаммои мазкур то ҷое мусоидат намудааст. Муаллиф дар мақола масъалаҳои номбурдаро дар асоси далелҳои мӯътамад, бо услуби фаҳмои илмӣ таҳлил намудааст.*

***Ключевые слова****: права женщин, право политического равенства, общественная деятельность, индустриализация страны, коллективизация сельского хозяйства*

*В статье речь идёт о правовых основах деятельности женщин в советском Таджикистане, автор рассматривает проблему на основе материала прессы советского периода. Отмечается, что несмотря на приравненные права мужчин и женщин, согласно первой советской Конституции, все же семейные традиции, некоторые пережитки прошлого, нравы и обычаи создавали преграду для плодотворной деятельности женщин в разных сферах народного хозяйства. Подчеркивается положительная роль агитационной деятельности в этом направлении ряда таджикских женщин, что в определенной мере способствовало решению данной проблемы.*

***Key words:*** *women`s rights, rights of political equality, public activities, industrialization of country, collectivization of agriculture*

*The article dwells on the legal basis for activities of women in Soviet Tajikistan; proceeding from the material of press of the Soviet period the author considers the problem in question. It is underscored that despite the equal rights of men and women according to the first Soviet Constitution, family traditions, some vestiges of the past, manners and customs created an obstacle to the fruitful activity of women in various spheres of the national economy. The author of the article lays an emphasis upon the idea that the positive role of the campaigning activities in the relevant direction of a number of Tajik women, which to a certain extent promoted the solution of the problem under consideration.*

Ҳуқуқҳои баробарии сиёсӣ ва шаҳрвандии мардону занон дар нахустин Конститутсияи шӯравӣ, ки онро анҷумани V умумирусиягии шӯроҳо моҳи июли соли 1918 қабул карда буд, мустаҳкам гардидааст. Тибқи он занон баробари мардон ба ҳуқуқҳои номаҳдуд, яъне ба мақомоти идоракунии давлатӣ интихоб кардан, интихоб шудан, ҳуқуқ ба меҳнат ва музди баробари кор, ба маълумот ва ғайраҳо соҳиб шуданд [3,с.76]. Декретҳои Ҳукумати шӯравӣ дар бораи баробарҳуқуқии занону мардон дар шуури сиёсии занони Осиёи Миёна, аз ҷумла бонувони тоҷик дар оғози асри XX тағйироти ҷиддӣ ворид намуд. Илова бар ин, ба роҳбарияти ҳизбӣ роҳ ёфтани занон аз мурочиатномаи В.И. Ленин бармеояд. Соли 1920 вақти интихоботи Шӯрои Москва В.И. Ленин дар интихобот фаъолона ширкат намудани коргарзанон ва бештар интихоб кардани занонро даъват намуд: «Ба шӯроҳо бештар занон-коргарзанонро интихоб кунед» [4,с.13]. Дар конститутсияи мазкур ҳуқуқҳои азими занони шӯравӣ мустаҳкам карда

шудаанд. Дар конститутсияи нахустини шӯравӣ чунин омада буд: «Ба зан дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти хоҷагӣ, давлат, маданӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ баробарии мард дода мешавад» [6,с.241]. Санади мазкур ҳуқуқи баробари занон ва мардонро дар ҷомеа устувор намуд, ки барои озодии занони шӯравӣ қадами нахустин ба шумор меравад.

Дар Тоҷикистони Шӯравӣ пас аз барқарор шудани ҳокимияти нав ташкилоти ҳизбии ҷумҳурӣ барои тамоман озод намудани занон муборизаи қатъӣ мебурд. «Дар тамоми констутсияҳои даврони шӯравӣ то соли 1936 (РСФСР 1918, АССР Туркистон солҳои 1918 ва 1922, НСР Бухоро 1921, ҶАШС Тоҷикистон соли 1929, ҶШС Тоҷикистон, соли 1931) дар асоси муносибати синфӣ принсипи баробарҳуқуқии занон бо мардон мустаҳкам гардида, дар заминаи он санадҳои ҳуқуқии сершумор барои пурра озод намудани занон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвар ба тасвиб мерасид" [9,с.8]. Моҳи декабри соли 1926 анҷумани якуми муассисони Тоҷикистон дар бораи озод намудани занон ба тамоми меҳнаткашони ҷумҳурӣ муроҷиатнома қабул кард. Анҷуман изҳор намуд, ки "Ҳолати ғуломонаи занон, дар ҳаёт, дар кори сохтмони хоҷагӣ ва маданияти Тоҷикистон монеъи бузург мебошад. Ва ба КИМ супорид ва қонун барорад, ки мувофиқи он занон озод карда шаванд ва иштироки онон дар сохтмони ҳаёти нав баробари мардон таъмин гардад» [1,с.12]. Дар ҳамин давра асоси ҳуқуқӣ ва иҷтимоии пешрафти занон дар ҷомеаи нави шӯравии Тоҷикистон оғоз гардид.

Моддаҳои махсуси Конститутсияи ИҶШС соли 1936 (моддаҳои 122,123), 1977 (моддаи 35) ва конститутсияҳои ҷумҳуриҳои шӯравӣ ва мухторӣ, аз ҷумла дар конститунсияи Тоҷикистон соли 1937 (моддаи 107) ва 1978 (моддаи 33) ба кафолати таъмини ҳуқуқ ва озодии занон бахшида шуда буд [9,с.8]. Ба муқобилияткунандагони озодии занон (ба шавҳар додани духтарони хурдсол, қалин, ташкил кардани муқобиляит ба ҷалб кардани занон ба таҳсил, ба истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва саноатӣ, ба идоракунии давлатӣ ва ба ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ) қонун ҷазо медод [11,с.35]. Дар моддаи 137-и конститутсияи соли 1936-уми ИҶШС ҳуқуқи занон барои интихоб кардан ва интихоб шудан дар интихоботи вакилон таъкид гардида буд [3,с.69]. Дар ду моддаи дигари ҳамин конститутсия доир ба баробарҳуқуқии занон бо мардон мустаҳкам гардидааст: дар моддаи 123 масъалаҳои умумии баробарҳуқуқӣ ва моддаи 122 баробарҳуқуқии занону мардон. Дар Тоҷикистони шӯравӣ ва минбаъд дар қонунгузории даврони истиқлолият модда ё бобҳои алоҳидаи маҳдудкунандаи ҳуқуқҳо ва озодиҳои занон ба назар намерасид. Аммо анъанаҳои хонаводагӣ ва баъзе урфу одатҳои кӯҳнапарастӣ барои фаъолияти занон садди роҳ эҷод мекард. Дар Тоҷикистони шӯравӣ қариб дар тамоми санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар қатори ҳуқуқ ва озодиҳои умумии инсон бобҳои алоҳида ба ҳуқуқ ва озодиҳои занон бахшида шуда буд, ки барои фаъолияти занон замина фароҳам меовард. Ин анъанаи зерин дар Тоҷикистони соҳибистиқлол низ идома ёфт. Дар ҳамин давра асоси ҳуқуқӣ ва иҷтимоии пешрафти занон дар ҷомеаи нави Тоҷикистон оғоз гардид. Дар сатҳи қонунгузор ва сиёсати давлатӣ механизмҳои таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бунёд гардид. Ба амал баровардани ин ҳуқуҳои занон дар дода шудани ҳуқуқ ба меҳнат, музди меҳнат, истироҳат, суғуртаи иҷтимоӣ ва таҳсили илм, ҳифзи манфиатҳои модару кӯдак, ёрмандии давлаӣ ба модарони серфарзанд ва танҳо, таъмини истироҳати занон ҳангоми ҳомиладорӣ, дастгирии моддӣ, афзудани шумораи таваллудхонаҳо, ширхоргоҳ ва боғчаҳои кӯдакон зоҳир мегардид.

Дар натиҷаи тағйироти ҳуқуқиву иҷтимоии солҳои аввали ҳокимияти шӯравӣ ҷалби занон ба ҳаёти иҷтимоиву сиёсии кишвар афзун гардид. Занон ба сифати вакилони сатҳи гуногун, намояндагони ҳизб, роҳбарони сатҳи боло, хизматчиёни давлатӣ, роҳбарони ташкилоту идораҳо дар раванди ҳалли масъалаҳои муҳим ширкат намуданд.

Дар ин радиф корҳои тарғиботӣ низ барои аз байн бурдани қолабҳои кӯҳнаи ҷамъиятӣ дар мадди назари роҳбарияти ҳамонвақтаи кишвар қарор гирифта буд. Моҳи ноябри соли 1918, дар аввалин Анҷумани Умумирусиягии коргарзанон қарор дар бораи дар назди тамоми мақомоти роҳбарикунандаи ҳизбӣ ташкил намудани коммисияҳои тарғиботиву ташвиқотӣ байни занон қабул карда шуд. Соли 1919 коммисияи назди КМ РКП (б) ба шуъбаи коргарзанон ва деҳқонзанон табдил дода мешавад. Минбаъд тарғиби сиёсати мазкур идома дода шуда, соли 1923-1924 шуъбаи занони ҷумҳурии Бухоро таъсис дода мешавад [1,с.2], ки фаъолияти он барои амалӣ намудани сиёсати ҷалби занон ба корҳои ҷамъиятӣ равона гардида буд. Корҳои пешбарии занон дар минтақаҳо низ оғоз гардида, соли 1920-1921 дар уезди Хуҷанд шуъбаи муҳофизати тандурустии модарон ва занон кушода мешавад. Аъзои аввалини он Этол Бреслау, Маҳбуба Каримова, Бибиizzат Мирзоқобилова ва Марям Ҳотамбекова буданд. Ҳамон солҳо

(1921) нахустин конфронси занони Шарқ дар шаҳри Самарқанд баргузор гардид, ки дар он аз уезди Хуҷанд З.Шокирова, С.Боймуҳаммадова, Б. Мирзокалонова, А. Мӯминбоева, О. Отахонова ва чанде дигар иштирок намуданд. Пас аз он дар уезди Хуҷанд Конфронси мусалмонон баргузор гардид, ки дар он Б.Ҳотамбекова, М Зокирова, З. Мавлонбекова ва Л. Азизбекова ба Конфронси якуми занони Бухоро ва Туркистон вакил интихоб шуданд. Моҳи апрели соли 1921 дар Анҷумани Умумирусиягии занони Шарқ бояд баргузор мегардид, ки ба он аз ҷумҳурии мо С.Ҷаҳонгирова, А.Мирзоқобилова, Б.Қобилова, Л.Азизбекова ва Б.Ҳотамбекова вакил интихоб шуданд. (Аммо ин анҷуман ба вақти дигар гузаронида шуд).
Он солҳо сиёсати пешбарӣ ва ҷалби занон дар корҳои сатҳи гуногун дар минтақаҳо низ ба роҳ монда шуд. Ҳамин тариқ соли 1922 дар Хуҷанд клуби занон кушода шуд. Шуъбаи занон ва комсомолон барои барҳам додани бесаводӣ байни занон нақши муҳим бозидааст. Дар участкаи Панҷшанбе мактаби шӯравӣ таъсис ёфта, сарварии мактабро Раҳима Абдураззоқова ба ӯҳда гирифт. Ҳанифа Раҳимова, Бибиситора Аюбҷонова, Лутфӣ Қобилова Ӯғулой Шамсиддинова ва Адолат Мирзоева аввалин толибаҳои ҳамин мактаб буданд. Солҳои 1926-1927 асосан занони Хуҷанд аввалин шуда фаранҷии худро партофтанд. Дар шаҳри Душанбе, Панҷакент, Конибодом, Ӯротеппа (ҳоло Истаравшан) ва дигар минтақаҳо низ чандин клубу мактабҳо кушода шуда, барои бамаърифт гардонии занон саҳм гузоштанд.

Дар оғози фаъолияти худ Ҳокимияти шӯравӣ дар баланд бардоштани маърифатнокии занони тоҷик корҳои муайяне ба анҷом расонидааст. Ҳамин тариқ дар панҷ соли аввали Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон шумораи занони саводнок 7,6% ва дар соли 1939 ба 65,2% расида буд [2,с.74]. Консепсияи ҳалли масъалаи занон дар давраи шӯравӣ ба он асос ёфтааст, ки зан се вазифаи асосии иҷтимоиро дар ҷомеа иҷро мекард: шаҳрванд, коргар ва модар. Дар амалӣ намудани ҳар кадоми ин вазифаҳо саҳми занон дар рушди ҷомеа зоҳир мешуд. Нақши давлат ва ҳизб дар ҳалли масъалаи занон назаррас буд, ки заминаҳои зарурии на танҳо ҳуқуқӣ, балки иҷтимоӣ ва моддӣ барои ҳамбастагии иҷрои вазифаҳо мусоидат мекард.

Ҳамзамон, консепсияи ҳалли масъалаи занон дар ИҶШС (ва дар дигар кишварҳои сотсиалистии Аврупо) ба он асос ёфтааст, ки омили муайянкунандаи баробарии занон дар ҷомеа ва оила иштироки онҳо дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ, дар меҳнати истеҳсолии ҷамъиятӣ буд. Ин хусусият дар он зоҳир мешуд, ки дар марҳилаҳои гуногуни рушди давлати шӯравӣ масъалаҳои мушаххаси иштироки занон дар ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, бо фаъолияти меҳнатии онҳо, баланд бардоштани сатҳи маълумоти умумӣ ва касбӣ, ҳамчун вазифаҳои давлатӣ ҳал карда мешуданд. Ширкати занон дар иҷрои тамоми вазифаҳои дар назди ҷомеа қарордошта назаррас буд. Дар индустрикунонии кишвар, коллективонидани хоҷагии қишлоқ, барҳам додани бекорӣ, барҳам додани бесаводӣ, барқарор кардани хоҷагии халқ пас аз Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 дар Тоҷикистон ба мисли дигар кишварҳои шӯравӣ ба нерӯи зеҳнӣ ва ҷисмонии занон такя карда мешуд. Гарчанде баробарии занон ва мардон тибқи қонун дар Тоҷикистони шӯравӣ ҳанӯз дар моҳҳои аввали мавҷудияти ҳукумати нав муқаррар шуда буд, ин ҳанӯз маънои баробарии амалии онҳоро дар зиндагӣ надошт. Дар кишвари мо анъанаҳои хонаводагӣ, хурофот, вазъияти иҷтимоӣ ва дигар омилҳо барои дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолият намудани занон садди роҳ мешуд. Ин аст, ки дар тӯли мавҷудияти худ кӯшишҳои давлати шӯравӣ ва ҷомеа асосан дар баробари заминаҳои ҳуқуқӣ ба фароҳам овардани заминаҳои иҷтимоӣ ва моддии баробарии воқеии занон бо мардон мутамарказонида шуда буд.

Консепсияи шӯравии ҳалли масъалаи баробарҳуқуқии занон аз он бар меояд, ки бо баробарсозии оддии ҳуқуқҳои занон ва мардон баробарии воқеии онҳоро ҳанӯз таъмин намешуд, зеро дар як вақт бар дӯши занон ҳам вазифаҳои ҷамъиятӣ ва ҳам вазифаи мушаххас – вазифаи модарӣ меистод. Аз ин ҷо бармеояд, ки баробарии ҳақиқии занон ва мардон танҳо дар сурати пешниҳоди ҳуқуқ ва имтиёзҳои иловагӣ имконпазир буд. Ҳамин тариқ, тибқи моддаи 35-и Конститутсияи ИҶШС соли 1977, натанҳо имкониятҳои баробари гирифтани маълумот ва касбомӯзӣ, кор, подош барои он ва пешбарӣ дар ҷои кор, дар корҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, балки инчунин чораҳои махсус оид ба ҳифзи меҳнат ва саломатии занон: шароит, имконият, имтиёз додан, ҳифзи ҳуқуқӣ, дастгирии моддӣ ва маънавии модарон ва кӯдакон, аз ҷумла додани рухсатии пулакӣ ва дигар имтиёзҳо барои занони ҳомила ва модарон, тадриҷан кам кардани вақти кории занони кӯдаки хурддошта пешбинӣ шуда буд.

Хулоса ҳуқуқҳои занон дар қонуни асосӣ – Конститутсияи ИҶШС муқаррargардида, дар тамоми ҷумҳуриҳои шӯравӣ амал мекард ва барои фаъолияти минбаъдаи онҳо заминаи мусоид фароҳам оварда буд. Барои озодии ҳақиқии занони Тоҷикистони шӯравӣ ғайр аз заминаҳои

ҳуқуқӣ, дигаргун намудани анъанаҳои хонаводагӣ, вазъияти иҷтимоӣ, махсусияти таърихӣ, миллӣ ва урфу одатҳо барои дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолият намудани занон бояд ҳал мешуд.

Таҳкими қонунии баробарҳуқуқии занон бо мардон баробарҳуқуқии онҳоро дар тамоми соҳаҳои фаъолияти халқ таъмин намуд. Дар навбати худ баробарҳуқуқии сиёсии занон бо мардон боиси озодии комилии сиёсии занон гардид.

Корҳои тарғиботӣ низ барои аз байн бурдани стереотипҳои кӯҳнаи ҷамъиятӣ дар мадди назари роҳбарияти ҳамонвақтаи кишвар қарор гирифта буд. Дар таъмини баробари ҳуқуқи занон ва мардон пешниҳоди ҳуқуқ ва имтиёзҳои иловагӣ таъсири ҷиддӣ гузошт.

Қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои занони Тоҷикистони шӯравӣ, ки асоси сотсиалистӣ дошт, барои озодии иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии занони тоҷик асос гузошт.

**ПАЙНАВИШТ:**

1. Бозорбоева, М.М. Муборизони фаъоли ҳаёти нав /М.М.Бозорбоева//Мактаби Советӣ.-1967.-№10.- С.12.
2. Бойгонии давлаии марказии ҶШС Тоҷикистон, Ф.№-360,Оп.1.П.239.Л.74.
3. Завадская, Л.Н. Гендерная экспертиза российского законодательства/Л.Н.Завадская.-М:.-1982. С.128 http://www.owl.ru/win/books/zavadskaya/2.htm
4. Зарифова, Н. Шаъну шараф ба занон!/Н.Зарифова//Раҳмат ба партия.–Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон. – 1960. - С.13.
5. Конституция(основной закон) Союза Советских Социалистических Республик. С приложением важнейших действующих узаконений об организации и деятельности Ценртальных органов Союза ССР. – Москва, Наркомюст,1924 с.
6. Конституция Российской Социалистической Федеративной Советской Республики. Москва. -1918.- С 261.
7. Конституция СССР. Политико-правовой комментарий. М.: Политиздат, 1982. - С. 128.
8. Набиева, Р. Занони Тоҷикистони Советӣ/Р.Набиева.- Душанбе: Ирфон,1967. - С. 85.
9. Раҳмонова, О. Ташаккули қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои занон дар Тоҷикистон: фишурдаи дисс.номзадӣ/О.Раҳмонова. – Душанбе, 2012. - С.25.
10. Холиқова, С.А. Занони Тоҷикистон/С.А.Холиқова.- Сталинобод. – 1949.- С.130.
11. Ҳакимов, Н. Меъёрҳои ҳуқуқии ҳифзи зан ва оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/Н.Ҳакимов.-Хуҷанд, 2010.- С.52.
12. Кукушкин, Ю.С. Очерк истории Советской Конституции/Ю.С.Кукушкин, О.И. Чистяков - М., Политиздат, 1987.-364с.

**REFERENCES:**

1. Bozorboeva, M.M. Active Fighters for a New Life // Soviet School. 1967. №10. – 12 p.
2. Central State Archive of the Tajik SSR, F.№-360, op.1. - P. 239. -V.74.
3. Zavadskaya LN Gender Expertise of Russian Legislation. – M., - 1982. - P. 128 http://www.owl.ru/win/books/zavadskaya/2.htm
4. Zarifova, N. Honor to Women!//Thanks to the Party. - Stalinabad: Tajik State Publishing House. - 1960. - P. 13.
5. Constitution (basic law) of the Union of Soviet Socialist Republics. With Application of the Most Important Provisions of Organization and Activities of the Central Organs of the Union SSR. – M.: Legal Publishing House of the People`s Commissariat. – 1924 p.
6. Constitution of the Russian Socialist Federal Soviet Republic. – M.: - 1918. – 261 p.
7. Constitution of the USSR. Political and Legal Commentary. - M.: Politizdat, 1982. - P. 128.
8. Nabieva, R. Women of Soviet Tajikistan. Dushanbe: Cognition, - 1967. – 85 p.
9. Rahmonova O. Development of Legislation on Women`s Rights and Freedoms in Tajikistan: synopsis of candidate dissertation in jurisprudence. - Dushanbe, 2012. – 25 p.
10. Kholikova, SA Women of Tajikistan. – Stalinabad, - 1949. - P. 130.
11. Hakimov, N. Legal Morms of Protection of Women and Family in Tajikistan Republic. Khujand, 2010. - P.52.
12. Kukushkin, YS, Chistyakov O.I. Essays on the History of the Soviet Constitution. - M., Politizdat, 1987.